Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна дар мавзуи "Ҷомеаи шаҳрвандӣ: ташаккул ва инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

Ташаккулёбӣ ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун масъалаи муҳимму рӯзмарра ҳам аҳамияти илмию назариявӣ ва ҳам амалӣ дошта, дар низоми донишҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур тӯли даҳсолаҳост, ки мавриди муҳокима ва пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Бахусус, таҳияи он дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии давраи гузариши сиёсӣ аҳамияти махсус пайдо намуда, дар рушду низоми нави давлатдории миллӣ ҷойгоҳи хосаро касб менамояд. Аҳамияти мавзуи интихобшуда дар он ифода меёбад, ки махсусиятҳои раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтаанд.

Диссертант Н.А. Ҳошимова зикр менамояд, ки дар шароити Тоҷикистон ба таври тадричӣ унсурҳо ва арзишҳои ҷомеаи демократӣ таҳким меёбанд. Албатта, дар ин самт нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ назаррас аст. Аз ин рӯ, омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯзаи рушди низоми демократӣ дар Тоҷикистон муҳим ва рӯзмарра мебошад. Дар шароити имрӯзаи рушди Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун механизм ва унсури муҳимми таҳкими низоми демократӣ ва ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ эътироф карда шудааст. Хусусан, дар сиёсати амалии кишвар ба таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолнокии онҳо дар ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи хоса равона карда мешавад. Ҷиҳатҳои зикршуда зарурати омӯзиши мавзуъро ба миён овардааст.

Раванди таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тадричан таълимоти мукаммалеро оиди ҷомеаи шаҳрвандӣ падид меорад, яъне вобаста ба

хусусиятҳои равонӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон модели хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул меёбад. Таҳқиқу таҳлили масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ фаҳмиши мардумро оид ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалкарди онҳо пурра мегардонад. Имкон фароҳам меоварад, ки шаҳрвандон ба фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда, онҳоро дар хизмати худ қарор диҳанд. Тавассути онҳо манфиатҳои мухталифи хешро ҳифз намоянд. Дар навбати худ заминаҳои рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пурраву саҳеҳ мегардад.

Дар автореферати диссертатсияи Н.А. Ҳошимова тавсифи мухтасари муқаддима, сатҳи умумии таҳқиқот, бобҳо ва зербобҳои рисола, баррасии натиҷаҳо ва рӯйхати интишороти муаллиф нишон дода шудаанд. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намудааст.

Диссертатсия бо дараҷаи баланди методологӣ ва амалии таҳлили масъалаҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба самтҳои афзалиятноки рушди илм алоқаманд мебошад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани самтҳои асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва воситаҳои такмили он мусоидат менамояд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии муаллиф ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд.

Дар баробари хулосаҳо ва натиҷагириҳо баъзе камбудиҳо дар автореферати кори диссертатсионӣ ҷой доранд. Аз ҷумла:

- муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ақидаҳои олимони мухталифро таҳлил намуда, ба назарияи танқидии ҷомеаи шаҳрвандӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст. Ба ақидаи мо таҳлили фарогири назарияи танқидӣ муҳтавои диссертатсияро пурратар менамояд.

- мавзуи таҳқиқот ҷанбаи ҷомеашиносиро низ доро мебошад. Аз ин рӯ, истифода аз методҳои сотсиологӣ, ба монанди пурсиши афкори умум метавонист паҳлуҳои мухталифи таҳқиқотро қувват бахшанд.

Камбудиҳои номбурда арзиши илмии рисолаи диссертатсионии Н.А. Ҳошимоваро кам намегардонанд.

Дар маҷмуъ рисолаи диссертатсионии Н.А. Ҳошимова дар мавзуи "Ҷомеаи шаҳрвандӣ: ташаккул ва инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" кори оригиналии анҷомёфта буда, бо рӯзмаррагӣ ва навгонии худ фарқ менамояд. Кори диссертатсионӣ ба талаботи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Муқарриз:

Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита
бо ҷомеаи АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Тураева З.

Имзои Тураева З.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузори
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел: (+992) 2244546
Сомонаи расмӣ: www.apa/tj